АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Expanding Opportunities Worldwide



# ЛОИҲАИ USAID ОИД БА РУШДИ СОҲИБКОРӢ ВА ТАЪСИСИ ҶОЙҲОИ КОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## Тафсири Лоиҳа

Лоиҳаи USAID оид ба рушди соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби ACDI/VOCA роҳандозӣ шуда, дар ҳамкорӣ бо шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ ба таъсиси ҷойҳои корӣ, рушду ривоҷи экосистемаи соҳибкорӣ ва инчунин, илова намудани арзиш ба маҳсулот тавассути вусъатдиҳии занҷираи истеҳсолӣ дар соҳаҳои нассоҷӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва технологияҳои иттилоотӣ (IT) дар миқёси тамоми Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Тарҳи нави рушд ба **афзоиши маҳсулнокӣ, такмили малакаи корӣ ва густариши тиҷорат** мусоидат хоҳад кард.

**Фонди шарикӣ барои рушди тиҷорат**

Ёрии техникӣ, гранти шарикӣ ва сармояи ибтидоӣ

| | |
|---|---|
| **$3.6M** | 200 корхонаи хурду миёна, инчунин даҳ адад стартапи инноватсионӣ |
| **$2M** | Иштирокдорони бозори дохилӣ, аз ҷумла таҳвилкунандагони хизматрасониҳои техникӣ |
| **$500K** | Ёрии техникии кӯтоҳмуддат аз тарафи ширкатҳои ФинТех ва таҳиягарони молу маҳсулоти махсус |

**Фонди шарикӣ барои рушди тиҷорат** бо ҳаҷми 6.1 миллион доллари амрикоӣ барои оғоз ё рушду ривоҷи фаъолияти тиҷоратӣ, ки иқтидори инкишофи босуръат бо назардошти истифода аз технологияҳои сабз, такмили малакаи корӣ ва ташкили имкониятҳои иқтисодии фарогирро дар бар мегиранд, пешбинӣ шудааст.

**Лоиҳа сармояи ибтидоиро дар ҳаҷми 2 миллион доллари ИМА ба воситаи** фонди сармоягузории ACDI/VOCA (AV Ventures) ва Фонди мусоидати рушди Осиёи Марказӣ (CAIF), ки онҳо низ дар навбати худ 2 миллион доллари иловагии ҳамсон барои маблағгузории ширкатҳои хусусӣ ҷудо намудаанд, аз ҷумла барои корхонаҳои хурду миёна, муассисаҳои азими пешбарандаи тиҷорат ва институтҳои молиявие, ки нақши миёнравро дар дастрасӣ ба маблағ ба корхонаҳои хурду миёна иҷро мекунанд, сармоягузорӣ мекунад.

## ҲАДАФҲО

- Таққими муҳити мусоид ба василаи тавонманд намудани имкониятҳо барои рушди бахши хусусӣ.
- Дастрасӣ ба сармояи рушдмеҳвар, бо дарназардошти талаботу пешниҳоди бозор.
- Беҳтар кардани ҷараёни иттилоот тавассути ҳамоҳангӣ дар ҷалби сармояи хусусӣ барои такмили технологияву таҷҳизот.
- Мусоидат ба такмили ихтисос ва сармоягузорӣ ба донишу малака.
- Ба назар гирифтани рушди муҳити қонунгузорӣ.

## НАТИҶАҲОИ ПЕШБИНИШУДА

| 30% | 5,000 | 100 | 200 | $10 M |
|---|---|---|---|---|
| Афзоиши ҳаҷми фурӯш миёни баҳрабарандагон | Ҷои кори доимӣ | Дастгирии ташаббусҳои сабз ва инноватсионӣ | Стартап бо дастрасӣ ба маблағи ибтидоӣ | Сармояи ҷалбшуда |

**ДАВОМНОКӢ:** Аз якуми октябри 2023 то 30 сентябри 2028

**БУҶАИ ЛОИҲА:** 18,000,000 доллари ИМА

## БАРОИ ТАМОС:

**Ҳикмет Демирай, Роҳбари лоиҳа**
Лоиҳаи USAID оид ба рушди соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар Тоҷикистон (EEDA)
Тел: +992 93 577 02 11
Почтаи элелктронӣ: hdemiraj@acdivoca-tj.org

**Тоҷиддин Наҷмиддинов, Мутахассис оид ба рушди сектори хусусӣ**
USAID Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: tnajmedinov@usaid.gov
Тел: +992 98 580 0347